ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн Ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африко, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб). – Душанбе, 2022. – 177 саҳ.

Таърих гувоҳ аст, ки робитаҳои илмиву адабии кишварҳои араб бо мардуми форс-тоҷик таърихи қадима доранд. Дар даврaҳои тоисломӣ ва баъд аз зуҳури дини ислом тарҷумаи китобҳои арабӣ ба паҳлавӣ ва аз паҳлавӣ ба арабӣ ба роҳ монда шуда буданд. Дар тули асрҳо марҳилаи адабиёти арабизабони форсу тоҷик рушд намудааст ва шоирони форснажод аз ашъори араб бебаҳра намонда, дар ин замина осори гаронбаҳое эҷод намудаанд.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз адибону мутафаккирони барҷастаи асри XV маҳсуб ёфта, аз забони арабӣ огоҳии тамом доштааст ва дар осори бадеӣ ва илмии худ аз захираи адабу фарҳанги арабҳо ба таври боиставу шоиста кор гирифтааст. Ҳамчунин, дар баробари он ки Мавлоно Ҷомӣ аз забону адабиёти араб баҳраманд гардидааст, ба ин фарҳангу адаб таъсир низ гузошта, мақоми бузургеро дар адабиёти араб соҳиб шудааст.

Агар ба мавзуи таъсири адабиёти араб ва шуарои алоҳидаи он бар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ назар афканем, Абуҳафс Умар ибн ал-Ҳасан маъруф ба Ибн Ал-Форизи Мисрӣ яке аз шоирону орифони араб мебошад, ки бар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ таъсир гузоштааст.

Ибн Ал-Фориз маъруф ба «Султон-ул-ошиқин» яке аз бузургтарин сарояндагони шеъри суфиёна аст, ки Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» диққати хосса ба Ибн Ал-Фориз изҳор доштааст. Дар асл услуби Ҷомӣ дар ин тазкира чунон аст, ки дар бораи баъзе орифон муфассал ва баъзеи дигар хеле муҷаз маълумот додааст. Хоссатан, роҷеъ ба Ибн Ал-Фориз нисбат ба дигар орифон маълумоти хеле васеъ оварда, ба ҳама

марҳалаҳои ҷараёни зиндагияш дахл кардааст. Мавзуоти шеърие, ки Ибн Ал-Фориз ва Абдурраҳмони Ҷомиро бо ҳам мепайвандад, изҳори муҳаббати илоҳӣ, васфи шароби ишқ, таҳаммули душвориҳои роҳи муҳаббат, шавқу висоли ёри ҳақиқӣ, васфи паймонаву қадаҳи ишқ, расидан ба мартабаҳои қурбу висол, тавсифи қалбу замири ҳақиқӣ ва амсоли инҳоро ташкил медиҳанд.

Диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн Ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" ба ҳамин масъалаи муҳимми арабшиносӣ бахшида шуда, кӯшиш ва таҳқиқи навбатӣ дар самти нишон додани тақвият ва густариши робитаҳои адабӣ ва таъсирпазириву таъсиргузории намояндагони алоҳидаи адабиёти арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ мебошад.

Рисола аз муқаддима, се боб ва нуҳ фасл ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар охир ба таври алоҳида тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ оварда шудааст. Муаллифи рисола дар бобҳои алоҳида ба ҳалли илмии мавзуи интихобшуда даст ёфта, ба таври ҷамъбаст ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мавзуъро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муҳим расидааст.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола асоснокии зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро муайян намудааст.

Боби аввали диссертатсия "Баррасии аҳвол ва ашъори Ибн Ал-Фориз" номгузорӣ гардида, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввали боби якум "Зиндагиномаи Ибн Ал-Фориз" ном гирифта, диссертант дар ҷараёни

таҳқиқи зиндагӣ ва фаъолияти Ибн Ал-Фориз ба тазкирахои арабиву форсӣ-тоҷикӣ ва китобҳои таърихиву адабӣ мурочиат намуда, ҳамчун сарчашмае, ки тамоми марохили ҳаёту зиндагӣ ва фаъолияти Ибн Ал-Форизро миёни урафои дигар бештар муаррифӣ намуда бошад, "Нафаҳот"-и Абдураҳмони Ҷомиро сарчашма ҳисобидааст. (Диссертатсия, с. 29).

Фасли дуюми боби аввал зери унвони "Ашъори Ибн Ал-Фориз ва мухтассоти сабкии он" мавриди баррасӣ қарор гирифта, жанрҳои қасида, қитъа, дубайтӣ, луғз (чистон ё муаммо) ва маволиёи шоир аз нигоҳи таърихӣ, жанрӣ, бедеиёт, сабк ва хусусиёти он таҳлил гардида, муҳаққиқ дар фасли мазкур ба чунин натича расидааст: "Девони шоир жанрҳои гуногуни адабӣ, монанди қасидаву дубайтӣ, алғозу қитъаҳо ва маволиёро дар бар гирифтааст, ки чунин анвои шеърӣ барои ифодаи андешаву тафаккури ирфонии Ибн Ал-Фориз мусоидат намудааст. Ашъори ӯ бо саноеи лафзиву маънавии адабӣ ороставу пероста гардида, тачнис бо анвои он дар ашъораш бартарӣ дорад. Рамз дар каломи суханвари ориф мақоми намоёнро ишғол намуда, ҳамчун васоити баён ба кор бурда шудааст" (Диссертатсия, с. 52).

Боби дуюми диссертатсия "Абдурраҳмони Ҷомӣ ва адабиёти араб" унвон гирифта, баррасии мақоми Абдурраҳмони Ҷомӣ дар манобеи арабӣ, таъсирпазириии Абдураҳмони Ҷомӣ аз адабиёти араб, омӯзиши нусхаҳои хаттӣ ва тарчумаҳои арабии осори Абдурраҳмони Ҷомӣ ба риштари таҳқиқ кашида шудаанд.

Муҳаққиқ дар таҳлили ин боб шиносоии Абдурраҳмони Ҷомиро дар адабиёти муосири араб ҳамчун адибу мутафаккир, забоншинос, шоири тавоно ва суфии тариқаи нақшбандия арзёбӣ намуда, нахустин сарчашмаи арабие, ки Мавлоно Ҷомиро миёни мардуми араб муаррифӣ кардааст, тазкираи «Аш-шақоиқ-ун-нуъмония фӣ уламо-ид-давлат-ил-усмония»-и Аҳмад ибни Мустафо Тошкубризода ва тарчумаи арабии "Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс"-и Тоҷиддин ибни Закариё Нақшбандии Ҳанафиро ишора кардааст.

Муҳаққиқ ҳамчунин, робитаву алоқаи Абдурраҳмони Ҷомӣ бо забон ва адабиёти арабро, ки дар шаклҳои гуногун сурат гирифтааст, дар боби мазур ишора намуда, зикр менамояд, ки Ҷомӣ дар эҷодиёти худ аз таркибу ибораҳои арабӣ, образҳои адабии маъруфи адабиёти араб, ашъори муламмаъ, мазмуну мухтавои қасидаҳои шуарои давраи ҷоҳилӣ ва баъд аз он, хоссатан аз ашъори Имруулқайс, Тарафа ибн ал-Абд, Фараздақ, Имом Алӣ, Имом Шофеӣ, Ал-Мутанаббӣ, Ибни Арабӣ ва махсусан Ибн Ал-Фориз истифода кардааст. Инчунин, суннати қасидасароии давраи ҷоҳилиро дар ашъори худ аз нигоҳи ишқу ирфон баён намудааст" (Диссертатсия, с. 91-92).

Боби сеюми диссертатсия "Таҳлили таъсиргузории ашъори Ибн Ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" ном гирифта, муаллиф дар фаслҳои алоҳидаи он шарҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ ба касидаи "Тоияи кубро"-и Ибн Ал-Фориз, муқоисаи қасидаи "Тоияи кубро"-и Ибн Ал-Фориз бо тарҷумаи "Тоия"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, шарҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ ба қасидаи "Хамрия"-и Ибн Ал-Фориз ва таъсири маонии ашъори Ибн Ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомиро мавриди баррасӣ қарор дода, мавқеи илмии худро муайян намудааст.

Таҳлили боби мазкур муайян намудааст, ки ба касидаи «Тоияи кубро» ва "Хамрия"-и Ибн Ал-Фориз шарҳҳои хеле зиёде навишта шудаанд ва Абдурраҳмони Ҷомӣ низ ба ин қасидаҳо таваҷҷуҳ намуда, онҳоро шарҳ дода, ҳам тарҷумаи мавзуни тоҷикӣ кардааст. Таҳлили диссертатсия тарҷумаи Мавлоно Ҷомиро заминаи бузургу намунаи беҳтарини тарҷумаи назмӣ нишон дода, тарҷумаҳои ӯ дар адабу ирфони форсу тоҷик мақоми намоёнро касб кардааст ва инчунин, баёнгари иртиботи адабиву фарҳангии араб ва форсу тоҷик мебошад.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқ ва муқоисаи шарҳҳои мавриди таваҷҷуҳ муайян намудааст, ки шарҳи форсии Фарғонӣ аввалин шарҳи форсии қасидаи «Тоия»-и Ибни Ал-Фориз буда, шарҳи Ҷомӣ дувумин шарҳи форсӣ баъд аз он ба ҳисоб меравад (Диссертатсия 106). Таҳлили муаллиф, ҳамчунин нишон медиҳад, ки шарҳи Ҷомӣ такрори шарҳи Фарғонӣ набуда, балки ҳамчун

шарҳи ирфонии дигари қасидаи «Тоия» ҳисобида шуда, зимни таъсирпазирӣ нахуст аз худи қасидаи Ибн Ал-Фориз ва баъд аз шарҳҳои арабӣ ва форсии қасида маълумоти наву тозаеро фаро гирифтааст, ки бо содабаёниву суханварӣ ва саҷъофариву ҳунармандӣ аз дигар шарҳҳо имтиёз дорад.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баробари эҷоди дигар асарҳои адабиву забонӣ, ҳамчунин, ба шарҳу тавзеҳи осори ирфонӣ ва тарҷумаву таҳрири намунаҳои кутубу расоили арабӣ рӯй оварда, диссертант дар зербоби сеюми боби сеюм зикр менамояд, ки таълифи чунин навъ асарҳо метавонад симои Мавлоно Ҷомиро чун шорехи барҷаставу чирадасти осори адабиву ирфонӣ ва интиқолдиҳандаву иртиботсози адаби арабу форсӣ-тоҷикӣ муаррифӣ намуда, баҳрабардории ӯро аз қасидаҳои Ибн Ал-Фориз нишон диҳад.

Дар фасли охири боби сеюм муаллиф таъсири Ибн Ал-Форизро дар ашъори Мавлоно Ҷомӣ ҳам аз лиҳози шаклу сохтор ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво баррасӣ карда, аз лиҳози эҷод ва афкори ирфонӣ муайян намудааст, ки шоиронро бештар мавзуъҳои ишқи илоҳӣ, васфи шароби муҳаббат, таҳаммулу машаққат ва азияти роҳи ишқ, расидан ба мартабаҳои қурбу висол, тавсифи қалбу замири ҳақиқӣ ва амсоли инҳо бо ҳам мепайванданд.

Муаллиф барои ба қалам кашидани таъсири Инби Ал-Алфориз ба эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ, ки бори аввал дар илми адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад, аз сарчашмаҳои муътамади илмии ватаниву хориҷӣ ба монанди М.И. Мубаллиғ, А. Рачо, У.Т. ар-Рифоӣ, Ҳ. Арҷманд, Ғ. Ризоӣ, М. Имронпур, Р. Хаббозҳо, Ҳ.И. ан-Наққош, Т. Мардонӣ, Қ.Б. Додобоев, С. Зиёев, Ибни Халликон, Шайх Алӣ, Имом Ёфиӣ, Аҳмад ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, Шамсуддин аз-Заҳабӣ, Абдулҳай ибни Имод, Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иёс, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳусайни Бойқар, К. Броккелмэн, Ҷ. Зайдон, Ҳ. аз-Зайёт, У. Фаррух, Ҳ. ал-Фохурӣ, М.З. Салом, Б. Акбар, А. Абдусаттор ва ғайраро бисёр бо мавқеъ истифода намудааст. Рисола ҳамчунин бо истифода аз тарзу усулҳои муосири илмӣ таҳқиқ гардида, маводи зиёд ва пурқимат барои соҳаҳои гуногуни равобити адабӣ дода метавонад.

Диссертант ба хотири аниқу амиқ дарк гардидани муҳтавои ин ё он масъалаи дар пеш гирифта, ҳар фаслро бо муқаддима оғоз намуда, дар охир онро бо хулосаи хеле муҷази илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф бо сабки хуби илмӣ ошно шуда, бо он вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комёб гардидааст.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола якчанд норасоиҳои ҷузъии ислоҳталаб ба назар мерасанд, ки ба андешаи мо, ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзоянд:

1. Таъсирпазириву таъсиргузории намояндагони алоҳидаи адабиёти арабӣ ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, баракси он ҳам бештар таҳқиқ мегардид, ба манфиати кор мебуд.

2. Такрори баъзе фикру андешаҳо мушоҳида гардиданд, ки дар ҳолати такрори дубора пурра ишора кардан зарурат надоранд.

3. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ роҳ ёфтаанд, (масалан, номи Ибн Ал-Фориз тибқи имлои нав артикли "ал" дар номи одам бо ҳарфи калон навишта мешавад, ки дар диссертатсия бо ҳарфи хурд ишора шудааст, – саҳ. 3, 4, 5, 7..., дар Иститути забон ва адабиёт ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ном пурра нишон дода нашудааст, – саҳ. 9, 13, 14, оғози тарҷумаи қасидаҳо бо ҳарфи хурд ишора шудааст, – саҳ. 22, 23, 24, 25..., аломатҳои нуқта ва вергул дар шакли арабии қасидаҳо риоя нашудааст, – саҳ. 22, 23, 25..., калимаи "муарифӣ" – саҳ. 29, "ишорат" – саҳ. 21, 28, 33, 39, 44, 98, 118 ...), ки ислоҳи онҳо боиси афзудани муҳассаноти кори илмӣ-таҳқиқотӣ хоҳад шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ хусни диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо барои комил гардидани арзиши илмии таҳқиқ мусоидат менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн Ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Холов А.С. мухтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн Ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" ба талаботи бандҳои 31-37 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Додихудоев Р.М.

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. Маяковский/70
Тел: +992 918-26-44-56, E-mail: bestmuslim@mail.ru
«16» январи соли 2023

Имзои Р.М. Додихудоевро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.
«16» январи соли 2023

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. С. Носир 33.
Тел: +992(37) 224-17-86, 224-83-93
E-mail:info@apa. tj